ХУЛОСАИ
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди**
**Донишгоҳи миллииТоҷикистон**

Парвандаи аттестатсионии №22

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 11-феврали соли 2021, №22**

Барои сазовор донистани Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи **«Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология -15-уми октябри соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 17) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна 10-уми декабри соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Соли 2014 зинаи магистратураи факултети филологияи русии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст, ки соли аввали ин зинаро дар Донишгоҳи дӯстии халқҳои шаҳри Масква таҳсил намудааст. Айни ҳол дар вазифаи мудири кабинети кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Мушовирони илмӣ** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм** ва доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Шарипова Фарангис Худоиевна** мебошанд.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

2. **Матробиён Саодатшо Қосимзода** – номзади илмҳои филологӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент А. Мирбобоев имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илми таърих, профессор Н.У. Ғаффорӣ тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар **«Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак»** ба талаботи таълифи корҳои диссертатсионӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ва аз масоили нав дар илми забоншиносӣ мебошад. Диссертатсия бо услуби хуби илмӣ таълиф шуда, масъалаҳои илми онтолингвистика баррасию муҳокима шуда, натиҷагирӣ дар ҳар фаслу боб қобили таваҷҷуҳ ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯидиссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Сайдалиева М. Ташаккули нутқи кӯдак [Матн] / М. Сайдалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахшҳои илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2016, – №4/7(217). – С. 111-116.

[2-М]. Сайдалиева М. Шаклгирии ҳамсадоҳо дар нутқи кӯдак [Матн] / М. Сайдалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахшҳои илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017, – №4/1. – С. 144-149.

[3-М]. Сайдалиева М. Калима – манбаи ташаккули нутқи кӯдак [Матн] / М. Сайдалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахшҳои илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018, – №3. – С. 59-63. (2018/№3).

[4-М]. Сайдалиева М. Шаклгирии феъл дар нутқи кӯдакон [Матн] / М. Сайдалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахшҳои илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018, – №7. – С. 160-164.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев С.Ю. Абодуллоева дар тақризи худ се эрод пеш овардааст, ки бештар хусусияти тавсиявӣ доранд: аз тарафи муаллиф роҳ додан ба баъзе хатогиҳои техникӣ ва орфографӣ ва ҳангоми овардани маълумот дар бораи дараҷаи омӯзиши мавзӯъ нишон додани иқтибосот (саҳ. 3,4,5) мебошад.

Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон тоҷикии Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон Х.Н.Табаров мусбат буда, ҳамчунин эродҳои зерин манзур шудаанд: 1) дар фишурда дар қисми дараҷаи омӯзиши мавзӯъ андешаи муҳаққиқони форсу тоҷикро наоврадаанд, алабатта малум аст, ки муҳаққиқони мо низ нисбат ба ин масъала бетараф набуданд; 2) Дар фишурдаи диссертатсия назари танқидии муаллиф кам ба чашм мерасад. Хуб мешуд, ки муаллиф дар баъзе мавридҳо роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ андешаҳои танқидии худро баён медошт; 3) Дар баъзе аз саҳифаҳои фишурда ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасад.

Дар тақризи дигар, ки аз номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва фарҳанги кишварҳои ИДМ ва хориҷаи наздики Донишгоҳи давлатии лингвистии шаҳри Маскав Сайдумаров Хуршед пешниҳод шудааст, қайд мегардад, ки диссертатсияи номзадии Сайдалиева Муҳайё кори анҷомёфта ва муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дониста шуда, дар он ғалатҳои имлоӣ ва граматикӣ ва дар матни автореферат баъзан роҳ ёфтани ғалатҳои имлоиву техникӣ зикр гардидаанд.

Дар тақризи мудири кафедраи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии Самарқанд доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъақул Ҳамроев ва дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДС Сабоҳат Маҷидова чаҳор нуктаи эроддор қайд гардидааст: 1) Диссертатсия бо унвони “Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак” хеле тадқиқи васеъро дар бар мегирад, танҳо дар доираи “Таҳлили вижагиҳои савтии нутқи кӯдак” ҷустуҷӯ намудан ба фикри мо ин ҷо кифоя аст; 2) Да баъзе саҳифаҳои автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва баъзан услубӣ низ ба назар мерасад; 3) Дар фишурдаи рисола ишораи саҳифаи адабиёти илмӣ ва мавриди истифода қарор додани иқтибосҳо яксон нест, яъне дар қавсайн номи муаллиф ва унвони адабиёт дар дохили матн оварда шудаанд, баъзан иқтибосҳо танҳо бо номи муаллиф қайд мешаванд, ки ин ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ нест (саҳ.4, ,10,13); 4) Дар фаслҳо такрори баъзе андеша ва хулосаҳои унвонҷӯ дида мешавад.

Дар тақризи номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон С.Х. Қурбонмамадов

сухан дар бораи арзиши илмии кори пажӯҳишии Сайдалиева М. ва ҷой доштани ғалатҳои имлоиву техникӣ дар автореферат меравад.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор донистаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки диссертант Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назарияҳои маъмул ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар мисоли нутқи кӯдакон ба таҳлилу таҳқиқи ташаккули забонии нутқи кӯдак пардохта, кори илмии аз нигоҳи забоншиносӣ арзишмандро ба анҷом расонидааст. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар асоси нутқи ду кӯдак – якум, аз замони валодат то ба 6-солагӣ ва дуюм, аз замони валодат то ба сесолагӣ ва инчунин нутқи гурӯҳи кӯдакони манотиқи гуногуни кишвар бо усули гузаронидани пурсиш бори аввал аз нигоҳи интиқодӣ дар забоншиносии тоҷик коркард карда шудааст. Таҳқиқу баррасии ҷараёни ташаккул ва таҳаввули илми онтолингвистика дар нимаи дуюми садаи XX аз нигоҳи таҳлил ва баррасии давраҳои инкишофи нутқи кӯдак бо назардошти андешаҳои муҳаққиқон, матраҳ намудани заминаҳои ташаккули нутқи кӯдак, омилҳо, қонуниятҳои инкишофи тавонмандӣ – маҳорат, шаклгирии тавонмандии фонетикӣ, асосҳои овозии нутқ, вижагиҳои калимаҳо дар нутқи кӯдак ва шаклгирии грамматика, захираи луғавӣ мувофиқи синну сол ва калимасозӣ, таҳлили морфологии нутқи кӯдакон, маҳорати когнитивии нутқи кӯдак, баррасии сохти ҷумлаҳои кӯдакона чун нуктаҳои асосии ҳимояшаванда пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки**диссертатсия ба сифати нахустин пажӯҳиш ва баррасии муфассали илмӣ дар аснои таҳқиқи вижагиҳои нутқи кӯдак дар муҳити забони тоҷикӣ ва паҳлуҳои гуногуни ташаккули нутқи кӯдак ба унвонҷӯёну муҳаққиқони баъдӣ ёрӣ мерасонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзӯъ осори илмиву назарии муҳаққиқони барҷастаи хориҷӣ, аз қабили В.И. Белтюкова, В.П. Белянин, М. Ботинӣ, А.Н. Гвоздев, А. Крилов, А.А. Леонтев, Н.И. Лепская, А.Г. Маклаков, Ф.А. Сохин, К.Д. Ушинский, Р.А. Фрумкина, Н. Ҳомский, Т.В. Черниговская, С.Н. Сейтлин ва дигарон дар ҳалли бисёр масоили назарӣ омӯхта шудаанд.

Дар диссертатсия аз усули тасвирӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ ва методи синхронӣ ва барои таҳқиқи калимаҳои кӯдакона усули оморӣ истифода бурда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мундариҷаи

диссертатсияро чун маводи омӯзишӣ дар таълими фанҳои тахассусии лингвистӣ, забоншиносии равонӣ, биологӣ, педагогика, назарияҳои когнитивӣ ва коммуникатсионӣ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, бахшҳои алоҳидаи кор барои табибон, логопедҳо маводи муҳим дода метавонад. Маҳз пажӯҳиши қисми амалии кор имкон медиҳад, ки натиҷаҳои он дар якчанд соҳаи дарбаргирандаи фаъолияти нутқи кӯдак васеъ истифода шавад. Пажӯҳиш ва масоили баррасишаванда дар асоси афкор ва назарияҳоидонишмандони ватанию хориҷӣ сурат гирифтааст.

**Диссертатсия** ба таҳлилу таҳқиқи шаклгирии лингвистии нутқи кӯдак, заминаҳои ташаккули низоми фонетикӣ-фонологӣ, луғавӣ ва сарфию наҳвии кӯдакони дар муҳити тоҷикӣ бавоярасида бахшида шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 5 сол ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ва навиштани кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳоиҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ сухаронӣ кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи зиёда аз 6 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ мебошад, ки аз ҷумла 4 мақолаи марбут ба кор дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 11-уми феврали соли 2021 дар бораи ба Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна додани дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 19 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 13 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология.

Дар овоздиҳӣ 19 нафар иштирок намуд. Аз 21 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор 19 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.